## 12 00 03 ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

## 12 00 03 CIVIL LAW; ENTREPRENEURSHIP LAW, FAMILY LAW, INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***УДК 347.1***
***ББК 67.404***

# *МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАСЪУЛИЯТИ ҲУҚУҚӢ-ГРАЖДАНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Зокиров Шавкат Умарбоевич,***
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждани ва меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ГРАЖДАНСКО - ПРАВОВОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ПО ГРАЖДАНСКОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Зокиров Шавкат Умарбоевич,***
*старший преподаватель кафедры гражданского и трудового права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# *ESSENCE AND FEATURES OF CIVIL - LEGAL RESPONSIBILITY OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS ACCORDING TO THE CIVIL LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Zokirov Shavkat Umarboyevich,*** *senior lecturer of the department of civil and labour law under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *zokirov.sh@yandex.ru*

***Калидвожаҳо:*** *масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ, масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ), соҳибмулк-муассис, муассисаҳои таҳилоти олии касбӣ, муассисаҳое, ки фаъолияташон дар асоси худмаблағгузорӣ ба роҳ монда шудааст*

*Дар асоси таҳлили меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва адабиёти махсус хусусиятҳои масъулияти ҳуқуқӣ-граждании муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Диққати асосӣ ба масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и соҳибмулк - муассис аз рӯи уҳдадориҳои муассиса дода шуда, зарурати истисно кардани он нисбат ба муассисаҳое, ки фаъолияташон дар асоси худмаблағгузорӣ ба роҳ монда шудааст, асоснок гардидааст. Муқаррар кардани ҳаҷм ва андозаи масъулияти ҳуқуқӣ-граждании муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути сарчашмаи маблағгузории фаъолият мувофиқи мақсад ҳисобида шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и соҳибмулк аз рӯи удадориҳои чунин муассисаҳо истисно карда, ба зиммаи онҳо масъулияти пурраи молумулкӣ аз рӯи уҳдадориҳояшон вогузор шавад.*

***Ключевые слова:*** *гражданско-правовая ответственность; субсидиарная ответственность; собственник-учредитель, учреждения высшего профессионального образования; учреждения на основе самофинансирования*

*На основе анализа норм гражданского законодательства и специальной литературы*

*рассмотрены особенности гражданско-правовой ответственности учреждений высшего профессионального образования. Особое внимание уделено субсидиарной ответственности собственника-учредителя по обязательствам учреждения. Обосновывается необходимость исключения такой ответственности по отношению к учреждениям, деятельность которых осуществляется на основе самофинансирования. Признано целесообразным определение объема и размера гражданско-правовой ответственности учреждений высшего профессионального образования через источники финансирования их деятельности. Предлагается исключить дополнительную (субсидиарную) ответственность собственника по обязательствам таких учреждений и возложить на них полную имущественную ответственность по своим обязательствам.*

**Key-words:** *civil-legal liability, subsidiary liability, owner-institutor, institutions of higher professional education, institutions on self-financing basis*

*Proceeding from the analysis of the norms of civil legislation and special literature, the author considers the specificities of civil-legal liability of the institutions of higher professional education. Special attention is paid to subsidiary liability of an owner-institutor concerning institution's obligations. The necessity to exclude such liability in relation to the institutions whose activity is carried out on the basis of self-financing is well-grounded. Determination of the volume and dimensions of civil-legal liability of the institutions in question through the sources of their activity financing is recognized as expedient. It is suggested that additional (subsidiary) liability of an owner as to obligations of such institutions should be excluded and one ought to impose on them full property liability concerning their own obligations.*

Гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ боиси ба миён омадани таҳаввулоти ҷиддӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ гашта, бо таъсири хусусиятноки он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ фаро гирифта шуданд. То ба муносибатҳои номбаршуда гузаштани ҷумҳурӣ вазъи ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ надошт ва қонунгузории пештар амалкунанда речаи ягонаи иштироки онҳоро дар муомилоти гражданӣ муқаррар менамуд, имрӯз бошад, вазъи ҳуқуқӣ-граждании ин муассисаҳо вобаста ба шакли моликият, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ҳайати муассисон ва ғайра ба куллӣ тағйир ёфтааст. Дар ин замина, сухан аз ҷумла дар бораи масъалаҳои масъулияти ҳуқуқӣ-граждании муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рафта метавонад, ки он дар шароити имрӯза вобаста ба субъектони фаъоли муносибатҳои муомилоти гражданӣ табдил ёфтани муассисаҳои номбаршуда, аҳамияти калон пайдо карда истодааст.

Масъалаи масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳи махсуси олимону коршиносон қарор дошта, онҳо ҷанбаҳои гуногуни намуди мазкури масъулиятро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Чунончи, Е.А. Крашенинников масъулияти ҳуқуқӣ-гражданиро ҳамчун уҳдадории граждании ҳуқуқвайронкунанда шарҳ медиҳад, ки имконияти иҷрои он тавассути таъсири маҷбуркунии давлатӣ таъмин шуда, татбиқи он метавонад боиси маҳрумияти молумулкии нисбат ба субъекти номбаршуда гардад [6, 11]. Н.Д. Егоров бошад, таҳти мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда истифода шудани чораҳоеро дар назар дорад, ки дар натиҷаи он аз ҳуқуқвайронкунанда ба шахси ҷабрдида амволе талаб карда гирифта дода мешавад, ки агар ҳуқуқвайронкунанда ба ҳуқуқвайронкунӣ даст намезад, ҷабрдида аз он маҳрум намешуд [4, 647]. Хусусиятҳои масъулияти ҳуқуқӣ-гражданиро баррасӣ намуда, В.П.

Мозолин қайд менамояд, ки новобаста аз он ки сухан дар бораи шакли шартномавӣ ва ё ғайришартномавӣ меравад, тамоми намудҳои масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ ҳам унсурҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳам ҳуқуқи оммавиро дар бар мегиранд. Тафовут дар ин маврид танҳо дар «андоза»-и истифодаи унсурҳои номбаршуда мавҷуд аст [8, 35].

Масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ ҳамчун намуди масъулияти ҳуқуқӣ зуҳур намуда, ба андешаи мо, таҳти ин мафҳум нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда истифода шудани чораҳои маҷбуркунии хусусияти молумулкидошта барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ҳам дар муносибатҳои молумулкӣ ва ҳам ғайримолумулкӣ фаҳмида мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ дар баробари ягонагии ташкилӣ, амволи алоҳида доштан, аз номи худ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ баромад карда тавонистан, яке аз нишонаҳои муҳимми ба сифати шахси ҳуқуқӣ эътироф шудани ташкилот мебошад. Оид ба ин масъала Е.В. Богданов қайд менамояд, ки «масъулияти мустақили молумулкӣ нишонаи асосӣ ва ҳалкунандаи шахси ҳуқуқӣ мебошад. Моҳияти шахси ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар масъулияти он ифода мегардад» [3, 98]. Дар ҳақиқат, ҳарчанд, амволи алоҳида доштан яке аз нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ бошад ҳам, амалияи муносибатҳои молумулкӣ шаҳодат медиҳад, ки ташкилот метавонад дар мавриди ночиз будан ва ё ҳатто бидуни мавҷудияти чунин амвол фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ муътадил ба роҳ монад. Баръакс, бидуни масъулияти мустақил дар муомилоти молумулкӣ, ки ба ҷавобгарии мутақобилаи иштирокчиёни он нисбат ба ҳамдигар асос меёбад, иштирок кардани шахси ҳуқуқиро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз сабаби он ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун намуди шахсони ҳуқуқӣ баромад карда, тибқи қонунгузории гражданӣ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нисбат дода мешаванд, ба субъектони мазкур тамоми нишонаҳо ва хусусиятҳои масъулияти ҳуқуқӣ-граждании шахсони ҳуқуқӣ хос мебошанд. Ҳамзамон, дар назар доштан лозим аст, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти танзими масъалаи масъулияти ҳуқуқӣ-гражданӣ хусусиятҳои муайян хос буда, ба он омилҳои муайяни моҳияти ҳуқуқиву ташкилӣ дошта таъсири бевосита мерасонанд.

Қисми 1 моддаи 57 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд, КГ) [1] асосҳои умумии масъулияти шахсони ҳуқуқиро муайян карда, муқаррар менамояд, ки ашхоси ҳуқуқӣ ғайр аз муассисаҳое, ки аз ҷониби молик маблағгузорӣ мешаванд, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми амволашон масъулият доранд. Қисми дуюми моддаи номбаршуда, ки аз ҷумла ба танзими ҳуқуқии масъулияти муассисаҳо равона карда шудааст, хусусияти ҳаволакунанда дошта, ба қисми 2 моддаи 132 КГ ишора менамояд, ки дар он чунин муқаррар карда шудааст: «Муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики амволи дахлдор аз рӯи уҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад».

Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои номбаршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар Кодекси гражданӣ масъалаи муайян кардани масъулияти ҳуқуқӣ-граждании муассисаҳо ба таври умумӣ, бидуни ба инобат гирифтани хусусиятҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти намуди мазкури шахсони ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Масъалаи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [2], ки санади меъёрии ҳуқуқии комплексӣ ҳисоб ёфта, аз ҷумла вазъи ҳуқуқӣ-граждании муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро низ муқаррар менамояд, тамоман сарфи назар карда шудааст. Чунин ҳолати номуайянӣ метавонад ба аниқ муқаррар намудани реҷа

ва ҳадди масъулияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, иштироки мақсадноки онҳо дар муомилоти гражданӣ то як андоза таъсири номатлуб гузошта, дар мавридҳои алоҳида боиси ба миён омадани баҳсҳои нолозим ҳам дар байни шарикону муассиса ва ҳам худи муассисаву муассиси он гардад.

Вобаста ба шароити мавҷудаи иқтисодӣ ва маҳдуд будани имкониятҳои буҷети давлатӣ ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри гузашта дар тамоми мамлакатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди пурра ё қисман даст кашидан аз маблағгузории фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии амалкунанда ва ҳамчунин дар асоси худмаблағгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбии навтаъсис ба роҳ монда шуда, шаклҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ таъсис дода шуданд. Оид ба ин масъала Ф.Ф. Литвинович қайд менамояд, ки пайдоиши чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди муассисаи таҳсилотии мухтор (автономӣ) бо манфиатҳои фискалӣ (буҷетӣ), яъне мавҷуд набудани майлу хоҳиши давлат ва соҳибмулкони дигари оммавӣ барои ба зимма гирифтани масъулияти молумулкии иловагӣ (субсидиарӣ) аз рӯи қарзҳои муассисаҳои худ, ҳамчунин бо мақсади то ҳадди имкон ихтисор кардани маблағгузории буҷетии онҳо маънидод мегардад, ки дар натиҷа ба амалияи мавҷудаи «маблағгузории нопурра» тавассути дар қонун мустаҳкам карда шудани ҳолати дасткашии бевосита аз маблағгузории пурраи буҷетии фаъолияти чунин муассисаҳо бартараф карда шуд [7, 56]. Ба андешаи ӯ давлат аз масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) барои оқибатҳои номатлуби фаъолияти муассисаи мухтор (автономӣ) ва мутаносибан, аз рӯи қарзҳои он даст кашидааст [7, 57].

Аз сабаби он ки қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро вобаста ба ин ё он асос ба намудҳои алоҳида тасниф накардааст, дар асоси мазмуни қисми 2 моддаи 132 КГ тахмин кардан мумкин аст, соҳибмулки амвол дар тамоми ҳолатҳои нокифоя будани маблағи пулии дар ихтиёри муассисабуда дар назди кредиторони он масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) дорад.

Ҳамзамон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шакли моликият давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ буданашон мумкин аст; муассисаҳои таҳсилотии давлатиро дар навбати худ метавон ба муассисаҳое, ки танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, қисман маблағгузорӣ мешаванд ва ё фаъолияташон пурра аз ҳисоби хизматрасонии пулакии таълимӣ ба роҳ монда мешавад, тасниф кард [5, 65-66]. Оё муқаррар карда шудани масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и муассис аз рӯи уҳдадориҳои муассиса дар сурати нокифоя будани маблағи пулии он ҷиҳати қонеъ кардани талаботи кредиторон барои тамоми намудҳои муассисаҳои номбаршуда мувофиқи мақсад буда метавонад? Оё ба ғайр аз маблағҳои пулии дар ихтиёри муассиса мавҷудбуда талаботи кредиторон нисбат ба амволи он равона карда шуданаш мумкин аст?

Амалияи иштироки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муомилоти гражданӣ аз он шаҳодат медиҳад, ҷой надоштани муносибати тафриқавӣ пеш аз ҳама ба дарки дурусти мақому вазъи ҳуқуқии муассисаҳои номбаршуда имконият намедиҳад. Зеро, ба андешаи мо, вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ муайян карда шудани ҳаҷм ва андозаи масъулияти ҳуқуқӣ-гражданий муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад ба таъмини фаъолнокии онҳо дар муомилоти гражданӣ аз бисёр ҷиҳат мусоидат кунад.

Муқаррар карда шудани масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки фаъолияташон аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд,

мантиқан дуруст мебошад, зеро дар сурати нокифоя будани маблағҳои пулии муассисаи таҳсилотии давлатӣ масъулият ба зиммаи мақоме вогузор карда мешавад, ки фаъолияти онро маблағгузорӣ менамояд. Ҳолати мазкур ҳамчун кафолати иловагии таъмини иҷрои уҳдориҳои муассисаҳои номбаршуда баромад карда, пурра ба манфиатҳои шахсоне, ки дар муносибатҳои молумулкӣ бо онҳо қарор дошта метавонанд, ҷавобгӯ мебошад. Шахсони мазкур қабл аз ба муносибатҳои муайяни молумулкӣ дохил шудан бо муассисаи таҳсилоти олии касбии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда боварӣ доранд, ки дар сурати аз ҷониби чунин муассиса иҷро карда нашудан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, тибқи талаботи моддаи 430 КГ метавонанд ба шахсе, ки масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-ро ба зимма дорад (дар мавриди мазкур сухан дар бораи соҳибмулк – муассис меравад), бо талабот муроҷиат намоянд.

Масъалаи масъулияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки фаъолияташон дар асоси худмаблағгузорӣ ба роҳ монда шудааст, хусусиятнок мебошад. Чуноне ки дар боло қайд намудем, гарчанде фаъолияти ин муассисаҳо аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ карда нашавад ҳам, қонунгузор нисбат ба иҷрои уҳдадориҳои онҳо масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-ро муқаррар намудааст. Ҳолати мазкур агар, аз як тараф, ба манфиати кредиторони чунин муассиса бошад, аз тарафи дигар, ба моҳияту мазмуни муносибатҳои байни муассисаи фаъолияташ ба худмблағгузорӣ асосёфта ва соҳибмулк – муассиси он мувофиқ намеояд. Агар соҳибмулк фаъолияти ин муассисаро маблағузорӣ накунад, чи гуна ӯ аз рӯи уҳдадориҳои муассиса масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) дошта метавонад? Бинобар ин мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и соҳибмулк - муассиси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии фаъолияташон дар асоси худмаблағгузорӣ ба роҳ мондашуда истисно карда шуда, дар қонунгузории граждaнӣ (қисми 2, моддаи 132 КГ) муқаррар гардад, ки муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ талаботи кредиторон нисбат ба амволи дар ихтиёри муассиса қарордошта нигаронида мешавад.

Ҳалли мусбати ин масъала ҳамзамон таҳлил ва такмили меъёрҳои танзимкунандаи вазъи молумулкии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон талаб менамояд, зеро масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ)-и соҳибмулк дар ин маврид ҳамеша бо имкониятҳои муассиса оид ба воқеан ихтиёрдорӣ карда тавонистани амволи дар ихтиёраш мавҷудбуда алоқаманд мебошад, ки таҳлилу баррасии ин масъала матлаби таҳқиқоти муфассали алоҳида мебошад.

**_Пайнавишт:_**


1. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 30 июни соли 1999.- Реҷаи дастрасӣ: URL: www.mmk.tj. (санаи муроҷиат: 03.06.2021)*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009.- Реҷаи дастрасӣ: URL: www.mmk.tj. (санаи муроҷиат: 03.06.2021)*
3. *Богданов Е.В. Сущность и ответственность юридического лица // Гос-во и право.- 1997.-№10.-С.97-101.*
4. *Гражданское право: учебник / Под ред. А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. Т. 1.- М.: Проспект, 2005.-776 с.*
5. *Закиров Ш.У. О некоторых вопросах правоспособности учреждений высшего профессионального образования / Материалы Международной научно-методической*

*конференции «Актуальные проблемы современной юриспруденции и пути их решения: теория и практика».- Худжанд: Ношир, 2019.-С.63-67.*
6. *Крашенинников Е.А. Понятие гражданско-правовой ответственности // Вестник Высшего арбитражного суда Российской Федерации.- 2012. - №1.- С.6-11.*
7. *Литвинович Ф.Ф. К вопросу об имущественной самостоятельности автономного образовательного учреждения // Педагогический журнал Башкортостана.-2010.-№4.-С.56-63.*
8. *Мозолин В.П. Гражданско-правовая ответственность в системе российского права // Журнал российского права.-2012.-№1.-С.33-40.*

***Reference Literature:***

1. *Civil Code of Tajikistan Republic (part 1) from June 30, 1999. – Regime of availability: URL (Date of appeal: 03.06.2021)*
2. *Tajikistan Republic Law "On Some Issues Concerned with Law Competence of the Institutions of Higher Education" from May 19, 2000. Availability: URL (Date of appeal: 03.06.2021)*
3. *Bogdanov Ye. V. Essence and Liability of Corporate Body // State and Law. – 1997, N10. – pp. 97 – 101.*
4. *Civil Law: manual // Under the editorship of A. P. Sergeyev and Yu. K. Tolstoy. Volume 1. – M.: Prospect, 2005. – 776 pp.*
5. *Zakirov Sh. U. On Some Issues Concerned with Law Competence of the Institutions of Higher Professional Education // Materials of International Scientifico-Methodical Conference "Actual Problems of Modern Jurisprudence and Ways of their Solution: Theory and Practice". – Khujand: Publisher, 2019. – pp. 63-67.*
6. *Krasheninnikova Ye. A. The Notion of Civil-Legal Liability // Bulletin of the Higher Arbitration Court of Russian Federation. – 2012, N1. – pp. 6-11.*
7. *Litvinovich F. F. To the Issue of Property Self-Sufficiency of Autonomous Educational Institution // Pedagogical Journal of Bashkortostan. – 2010, N4. – pp. 56-63*
8. *Mozolin V. P. Civil-Legal Liability in the System of Russian Law // The Journal of Russian Law. – 2012, N1. – pp. 33-40.*